«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Директори Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, номзади илмҳои филология, Шарифзода Б. Б. _____
«20» январи соли 2022

ХУЛОСАИ

муштараки шуъбаи фарҳангнигорӣ ва истилоҳот ва шуъбаи забони Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Диссертатсияи Ёраҳматзода Шодиҷон Рамазон таҳти унвони **«Истилоҳоти этникӣ дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология, аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ, дар шуъбаи фарҳангнигорӣ ва истилоҳоти Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ иҷро шудааст.

Ёраҳматзода Шодиҷон Рамазон факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро соли 2016 бо ихтисоси «забон ва адабиёти тоҷик» (рӯзона) хатм намудааст. Солҳои 2016-2019 аспирантураи Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистонро (рӯзона) ба итмом расонидааст. Аз соли 2017 ҳамчун мутахассиси пешбари бахши ҳуқуқ ва матбуоти Раёсати АМИТ (0,5) басти вазифавӣ фаъолият намуда, соли 2020 ҳамчун ходими илмии Маркази мероси хаттии назди Раёсати АМИТ кор карда ва аз моҳи августи соли 2020 то ҳол иҷрокунандаи вазифаи котиби илмии Маркази мероси хаттии назди Раёсати АМИТ мебошад.

Роҳбари илмӣ – Қосимов Олимҷон Ҳабибович, доктори илмҳои филология, профессор, мудири шуъбаи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ аз 03 феврали 2017, қарори № 1 тасдиқ шудааст.

Дар натиҷаи муҳокима чунин ХУЛОСА қабул гардид:

Масъалаи омӯзиш ва таҳқиқи калимаву истилоҳоти этникӣ дар забоншиносии тоҷик тӯли сад сол аст, ки идома дорад. Он ҳамчун қисмати муҳими лексикаи забони тоҷикӣ, ифодакунандаи мафҳуми таърихи мардумӣ мавриди пажуҳишҳои илмӣ қарор гирифтааст. Дар забоншиносии тоҷик ва эронӣ доир ба вожаҳои этникӣ дар таҳқиқоти шарқшиносону забоншиносон ва мардумшиносон М.С. Андреев [1925;1970;1985], Е.М. Пешерева [1927;

1976], А.Н. Бернштам [1952], А. Л. Хромов [1970], Ҳомидҷонова М. [1974] Н. Хаников [1977], С.Айнӣ [1986], С.А. Артюнова [1989], А. Мирбобоев [1991;2001; 2002], Ю. Якубов [1994;2012], Б. Алиев [1998], Т.С. Қаландаров [2004], Т.С. Қаландаров ва В.И. Терехов [2006], А. Шишов [2006], М.Қ.Броимшоева [2006], С. Матробов [2010], Б. Тӯраев [2010; 2019] ва дигарон маълумот дода шудааст. Муҳаққиқон муҳиммияти таҳқиқ ва омӯзиши вожаҳои мардумиро таъкид намудаанд. Таҳқиқоти М.С. Андреев қадами ҷиддие дар ин самти илми забоншиносӣ буд. Сипас, дар силсилаи таҳқиқотҳое, ки ба фолклор, таърих ва шевашиносии забони тоҷикӣ бахшида шудаанд, масъалаи калимаву вожаҳои этникӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, баъзе хусусияти онҳо шарҳу эзоҳ ёфтаанд.

Хулоса, тамоми таҳқиқоте, ки доир ба калимаву истилоҳоти этникӣ сурат гирифтаанд, доир ба корбурди ин қисми лексикаи забон дар доираи ин ё он забон ё шева бахшида шудаанд. Таҳқиқоти мукаммале, ки маҳз ба масъалаи калимаву истилоҳоти этникӣ дар асоси «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ бахшида шуда бошад, анҷом дода нашудааст.

Омӯзиш ва таҳқиқи калимаву вожаҳои этникӣ, хусусан этнонимҳо муҳим ва саривақтӣ буда, моро ба таърихи куҳан, тарзи зиндагонии мардуми эронинажод, бо гузаштаи ниёгони хеш ошно месозад. Муҳиммияти мавзуъро маҳз ҳамин ҷиҳати аз нигоҳи маҷмуӣ таҳқиқ нагардидаи луғавӣ-мавзуӣ, этимологӣ, сохторӣ ва дараҷаи истифодаи вожаҳои этникӣ, хусусан этнонимҳо дар асоси маводи «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ташкил медиҳад.

Мақсади таҳқиқоти мазкур аз баррасии хусусияти луғавию маъноӣ, баромад, сохтори калимаю истилоҳоти этникии «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ иборат мебошад. Хусусияти луғавию семантикӣ ва сохтории калимаву истилоҳоти этникӣ яке аз масъалаҳои хеле мубрам ва доманадори илми забоншиносӣ ба шумор рафта, дар доираи як рисолаи илмӣ фаро гирифтани тамоми паҳлуҳои он ғайриимкон аст. Бинобар ин, дар рисолаи мазкур танҳо масъалаҳои сохториву маъноии калимаву истилоҳоти этникӣ, баромади онҳо дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ба риштаи таҳқиқ кашида мешавад. «Шоҳнома» хазинаи хеле нодиру бебаҳои имконияти лексикӣ буда, барои бисёр муҳаққиқон ҳамчун маҳак дар муайян намудани меъёри забони адабӣ ҳам дар сатҳи луғатшиносиву грамматика ва ҳам дар масъалаҳои услубиёти забон ба шумор меравад.

Абулқосим Фирдавсӣ бо осори гаронбаҳои худ дар рушди забони адабӣ саҳми нотакрор гузоштааст. Бинобар ин, омӯзиши мероси адабии Фирдавсӣ дар такмили таркиби луғавии забони тоҷикӣ, калимаву истилоҳоти этникӣ,

сохтори калимасозию ҷумлабандӣ ва услубиёти забон дорои аҳаммияти беандоза аст.

Нуктаҳое, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд тасдиқи худро ёфтаанд, хусусан:

1. Таҳқиқи принсипҳои шинохти калимаву истилоҳоти этникӣ, аз ҷумла этнонимҳо ва таснифоти калимаҳои этникӣ, ки аз назарияҳои забоншиносони тоҷику рус сарчашма гирифтааст.

2. Хусусияти маъноӣ ва сохтории вожаҳои ифодакунандаи мафҳуми халқ, миллат, кавму қабила ва номи мардум ва забонҳо дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ дар заминаи маводи амалӣ нишон дода шудаанд. Ин принсипи асосии нишондиҳандаи таҳаввули маъноӣ ва сохтории калимаву истилоҳоти этникӣ буда, маҳз маводи «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ хусусияти семантикӣ ва истилоҳсозии калимаву истилоҳоти этникиро ҳамаҷониба ошкор мекунад;

3. Вижагиҳо, умумият ва фарқияти калимаву истилоҳоти этникӣ аз лексикаи касбу кор дар асоси маводи гирдовардашуда ошкор карда шудаанд. Маводи гирдоварда фарогири хусусияти маъноӣ, этимологӣ ва сохтории калимаву истилоҳоти этникӣ ҳастанд ва омӯзиши онҳо имкон фароҳам меоварад, ки хусусияти семантикӣ ва сохтории истилоҳоти этникӣ пурра муайян карда шаванд;

4. Масъалаи муродифоти калимаву истилоҳоти этникии ифодакунандаи мафҳуми наслу насаб, авлод таҳлили муқоисавӣ шуда, гунаҳои калимаҳо, маъноҳои ба ҳам наздик ва муродифи онҳо ошкор карда шудаанд.

5. Пажуҳиши вожаву истилоҳоти этникӣ дар мисоли «тоҷик» баррасӣ карда шуда, фикри шахсии муҳаққиқ дар ин маврид оварда шудаанд.

6. Вожаву истилоҳоти каёниён, озодагон, паҳлавонон, ки дар асар ифодакунандаи «тоҷик» ҳастанд таҳлили луғавӣ шудаанд.

7. Номи қавму қабила ва миллатҳои дар асар омада ба мавзуъҳо ҷудо карда шуда, мавриди таҳқиқот қарор дода шудаанд, ки дар натиҷа асливу иктибосӣ будани онҳо ошкор шудаанд.

8. Сохтори истилоҳоти этникӣ, аз ҷумла номи нажодҳо аз рӯйи маъно таҳлили сохторӣ карда шуда, воситаҳои истилоҳсоз ва нақши онҳо муаяйн карда шудаанд.

Дар рисола бори нахуст калимаву истилоҳоти этникӣ, аз ҷумла этнонимҳо аз ҷиҳати семантика, этимология, сохтор ва нақши усулҳои калимасозӣ дар ташаккули истилоҳоти этникӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Калимаву истилоҳоти этникӣ аз ҷиҳати луғавӣ-мавзуӣ, баромад, сохтор ва фарқи онҳо аз дигар бахшҳои лексикаи касбу кор, бо муқоиса дар мавридҳои зарурӣ, бо таҳқиқоти олимони забоншинос, фарҳангу

луғатномаҳо мавриди таҳқиқи диссертатсионӣ қарор гирифтаанд. Дар он роҳҳои сохта шудани калимаву истилоҳоти этникӣ, муайян карда шудааст. Масъалаи таснифоти этникӣ аз ҷиҳати маънӣ, этнонимҳо ва нақши воситаҳои калимасоз дар истилоҳсозӣ муайян гардида, андешаҳои муҳаққиқон дар хусуси калимаву истилоҳоти этникӣ таҳвият дода шудаанд.

Аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқоти мазкур дар омӯзиш ва таҳлили минбаъдаи масъалаҳову муносибатҳои маъноию сохторӣ дар лексикология ва ҷараёни инкишофи минбаъдаи калимаву истилоҳоти этникӣ, таълими фанни забони адабии тоҷикӣ дар макотиби миёна ва олӣ, таълими забони тоҷикӣ ба ҳавасмандони забони тоҷикӣ (ғайритоҷикон), масъалаҳои омӯзиш, таҳқиқу таълими услубшиносӣ ва таҳрири адабӣ мусоидат намуда, маводи таҳқиқот дар таҳияи китобу дастурҳои таълимӣ, гузаронидани курсу семинарҳои махсус оид ба лексикологияи забони тоҷикӣ, ба таври васеъ, истифода шуда метавонад.

Асос ва заминаи илмӣ-назариявии таҳқиқотро корҳои илмӣ-таҳқиқотии муҳаققиқону забоншиносони хориҷиву ватанӣ дар мавзуи вожаву истилоҳоти этникӣ, аз ҷумла М.С. Андреев, Е.М. Пешерева, А. Л. Хромов, М. Ҳомидҷонова, С. Айнӣ, А. Мирбобоев , Б. Алиев, С. Мирзоев, А. Шишов, М.Қ.Броимшоева, С. Матробов, С. Исматов, Ш. С. Некушоева, М. Бобомуродова, Б. Тӯраев, Х. Ш. Кабиров ва дигарон ташкил кардаанд.

Мазмуну муҳтавои автореферат нуктаҳои асосии диссертатсия ва натиҷаю хулосаҳои онро инъикос намуда, пурра бо таҳқиқоти диссертатсионӣ мувофиқат мекунад.

Таҳқиқоти диссертатсиониро дар умум мавриди баррасӣ қарор дода, зикр намудан зарур аст, ки он кори илмии пурра ба анҷомрасида буда, шахсан аз ҷониби муҳаққиқ иҷро ва мушкилоти муайян - «Истилоҳоти этникии «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ» мавриди ҳаллу фасл қарор дода шудааст.

Саҳми шахсии диссертант дар он зоҳир мешавад, ки дар асосу заминаи омӯзишу таҳлили таҳқиқоти илмии олимону муҳаققиқони ватанию хориҷӣ, асосу заминаҳои назарию амалии таҳқиқи диссертатсиониро мушаххас карда, роҳҳои муосири таҳқиқи лексикологии вожаву истилоҳоти этникиро истифода карда, хусусияти маъной-мавзуӣ, баромад ва сохтори истилоҳоти этникии «Шоҳнома»-ро аз мавқеи назари лексикологиву морфологӣ ва этимологӣ мавриди баррасӣ қарор додааст.

Корҳои илмии муҳаққиқ дар маҷаллаҳое нашр шудаанд, ки ба номгӯйи маҷаллаҳо ва нашрияҳои аз ҷониби филиали Муассисаи давлатии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил ҳастанд.

Диссертатсияи Ёраҳматзода Шодиҷон Рамазон таҳти унвони «Истилоҳоти этникӣ дар «Шоҳнома» - и Абулқосим Фирдавсӣ» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи васеъ ва муштараки шуъбаи фарҳангнигорӣ ва истилоҳот ва шуъбаи забони Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон қабул шудааст.

Иштирок намуданд: 11 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 11 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

Раиси маҷлис,
номзади илмҳои филология **Мирзоев С.**

Котиб,
номзади илмҳои филология **Шарифова Г.**

Имзои С. Мирзоев ва Г. Шарифоваро
тасдиқ мекунам:

Нозири калони кадри ИЗА АМИТ **Нарзиқулова Ҳ.**

"__18__" январи соли 2022